**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор ___________
Гулназарзода Ж. Б.

«05» феврали соли 2024

**ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР**

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (исму сифат)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи номзадии Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи “Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)” таҳқиқоти илмии баанҷомёфта ба шумор рафта, ба таҳлили хусусиятҳои корбурди исму сифатҳои сохтаи яке аз осори арзишманди тарҷумавии садаи X – “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” бахшида шудааст. Муҳтавои он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта, дорои бисёр ёдгориҳои оламгиру беназири таърихист. Калимасозӣ низ дар ҳама даврони инкишофи забонамон яке аз роҳҳои сермаҳсули инкишоф таркиби луғавӣ ба шумор меравад.

Агарчи доир ба баъзе хусусиятҳои калимасозии ин ё он категорияи грамматикӣ дар осори ниёгонамон маълумот, қайдҳои алоҳида ба назар мерасанд, калимасозии таърихии забони тоҷикӣ то ҳол пурра ва ҳамаҷиҳата таҳқиқ нашудааст, ҳол он ки таърихан омӯхтани ин масъала барои муайян кардани қонуниятҳои забони ҳозира аҳаммияти вижа дорад.

Масъалаҳои дар диссертатсия арзёбишуда дар асоси маводди "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" хусусиятҳои ташаккули исму сифатҳои сохтаро дар осори тарҷумавии қарни X ошкор кардааст, иқтидори калимасозии вандҳо (пешванду пасвандҳо)-ро дар пайдо шудани воҳидҳои луғавии навсохт муайян намудааст, дараҷаи васлгардии ин гуна унсурҳои калимасозро ба вожаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ нишон дода, ба ин восита бартарии якеро аз дигаре ошкор кардааст. Муҳаққиқ кӯшидааст, ки нақши бештари иддае аз вандҳо (махсусан, пасвандҳо)-ро дар муқоиса бо дигаре аз онҳо баррасӣ намояд.

**Мубрамии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи таҳлили масъалаи мазкур метавон мавқеи пешванду пасвандҳои калимасозро дар гузашта муайян карда, сабабҳои минбаъд фаъолона дар калимасозӣ иштирок кардани гурӯҳе аз онҳо ё ғайрифаъол гардидани қисми дигар, ё ки куллан фаромӯш гардидани ҳиссаи сеюми онҳоро дар ташаккули калимаҳои сохта нишон дода шавад.

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои ғанӣ гардидани забон ин калимасозӣ мебошад. Воҳидҳои луғавии забон аз ин роҳ фаровон гардида, имкони тарзи байн низ вусъат меёбад. Доир ба масъалаи калимасозӣ аз тарафи донишмандони соҳа фикрҳои зиёде ба нашр расидааст.

Дар инкишофи забоншиносии тоҷик доир ба калимасозии осори даврони мухталифи мавҷудияти забони тоҷикӣ мунтазам як силсила асару мақола ба табъ расида истодаанд. Баъзе масъалаҳои назарӣ ва амалии марбут ба калимасозӣ дар асоси пажуҳишҳои олимони хориҷиву ватанӣ монанди Э. Бенвенист, М. Н. Боголюбов, В. П. Григорйев, Е. А. Земская, Е. С. Кубрякова, В. А. Лившитс, В. Н. Немченко, Л. С. Пейсиков, Р. П. Рогожникова, Н. И.

Фелдман, Т. Д. Чхеидзе, Н. М. Шанский, Д. Т. Тоҷиев, Ш. Рустамов, М. Шукуров, М. Қосимова, Д. Хоҷаев, С. Ҳалимов, А. Давронов, Ш. Кабиров, Т. Шокиров, О. Қосимов, А. Байзоев, С. Ғаниева, М. Олимҷонов, М. Баҳор, А. Ҳумоюнфаррух, П. Н. Хонларӣ ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Кори илмӣ-таҳқиқотие, ки ба калимасозии исм бахшида шудааст, «Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик» мебошад, ки ба қалами забоншиноси маъруф Ш. Рустамов тааллуқ дорад. Ӯ дар ин асараш усулҳои калимсозии исм, таркиби морфологии он, таҳлили калимасозӣ, омоморфемаҳои исмсоз, калимасозии исмҳои мураккаби тобеъ, калимасозии исмҳои омехтаро хеле равшан баён намудааст. Дар баробари ин, барои исботи иддаои худ аз маъхазҳои гуногун истифода бурда, далелҳои фаровони раднашавандае гирд овардааст, ки дар илми забоншиносии тоҷик ҷойгоҳи вижае дорад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навоварӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навоварии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқи хусусиятҳои корбурди исму сифатҳои сохтаи “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” дар забоншиносии тоҷик бори аввал сурат мегирад. Диссертант дар ҷараёни баррасӣ муайян кардааст, ки агарчи қолабҳои сохташавии исму сифатҳо дар таърихи забони адабии тоҷикӣ таърихи беш аз ҳазорсола доранд, вале тамоми сарватҳои луғавии тавассути чунин усули калимасозӣ вуҷуддошта аз рӯйи дар ҳар давру замон фаъолу нофаъол буданашон, доираи маънояшон, аз нигоҳи ба хонандаи ҳар даврон мафҳум буданашон ягона нестанд: гурӯҳе аз онҳо ҳамеша чун унсури фаъоли луғавӣ дар забони аҳли илму адаб ба кор рафтаанд, ҳиссае аз ҷиҳати доираи маъноии худ аз дигар унсурҳои луғавӣ фарқ доранд, қисми сеюмашон бо нодирии худ дорои мақому мавқеи хосса мебошанд. Бархе аз ин гуна калимаҳоро метавон фақат хоси услуби “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” ба қалам дод.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ**. Натиҷаҳои илмии таҳқиқ метавонад дар оянда барои равшан гардидани нақши ҳар кадом пешванду пасванди исму сифатсоз дар ташаккули унсурҳои луғавии нав дар осори тарҷумавӣ, мавқеъ ва дараҷаи корбурдашон дар пайдоиши вожаҳои навсохт, ҳиссагузорияшон дар ошкорсозии калимаҳо, дараҷаи ифодаи маъно ва аз ин ҷиҳат доштани тафовут, кушода гардидани нуктаҳои то ҳол печидаву сарбаста мадад расонад.

Нуктаҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро метавон барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии марбут ба калимасозии таърихӣ, таълифи рисолаҳои доктории дараҷаи PhD, навиштани китобҳои дарсиву дастурҳои таълимию методии марбут ба калимасозӣ, инчунин рисолаҳои магистриву хатми дараҷаи бакалавр истифода бурд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи низомнома ҷавобгӯ буда, аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодҳо ва феҳристи осори таҳқиқӣ (154 номгӯй)-и мавриди истифодаи унвонҷӯ қарорёфта иборат буда, 174 саҳифаи чопи компютериро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ – мақсаду вазифаи таҳқиқ, предмет ва объекти таҳқиқ, асосҳои назарию методологии таҳқиқ, усул, сарчашма ва навоварии таҳқиқ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия - “**Хусусиятҳои вандҳои исмсоз**”- ба нақши пешванд ва пасвандҳои калимасози дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” серистеъмол бахшида шудааст. Он аз чор фасл ва понздаҳ зерфасл иборат мебошад. Ин боби диссертатсия “Хусусиятҳои вандҳои исмсоз” ном дошта, доир ба хусусиятҳои ташаккули исмҳои сохта бо пешванди

ҳам- ва нақши пасвандҳо дар ташаккули исмҳои сохта, аз қабили –истон, -гоҳ, -зор, -када (чаҳор пасванди исми маконсоз); -гар, -бон, -ор, -гор, -вар ( панҷ пасванди исми шахссоз); -ӣ, -иш, -ур, -ванд/-ованд (чаҳор пасванди исми маънисоз) ва –а, -ук (ду пасванди созандаи номи чиз, ашё) таҳқиқи ҷомеъ сурат гирифтааст.

Пасвандҳои дар боби мазкур баррасигардида бо вожаҳои мансуб ба ду ҳиссаи нутқ (исму сифат) ягона набуда, балки баъзеяшон ба дигар ҳиссаи нутқ – феъл (масдар, асосҳои замони ҳозира ва гузаштаи феъл) васл шуда, силсилаи вожаҳои навро ба вуҷуд овардаанд.

Дар "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" агарчи исм аз нигоҳи соҳиб буданаш ба пешванд назар ба сифат бартарӣ надорад, вале ҳамон як пешванди ҳам- ба дараҷае имкони калимасозиро дорост, ки на ҳар пешванди сифатсоз ба он молик аст.

Пешванди **ҳам-** фақат ба вожаҳои аслии тоҷикӣ васл шуда, силсилаи калони унсурҳои луғавиро ба вуҷуд овардааст.

Дар асар шаш навъи пасвандҳои исмсоз: созандаи макон, шахс, маънӣ ва шайъсоз ба назар расида, ҳар кадоми онҳо аз ду то панҷ ададӣ пасванд доранд.

Қисми бештари исмҳои сермаъно бо ёрии пасвандҳои -гоҳ ва -иш сохта шуда, имкони васлгардии -гоҳ доманадор аст ва он бо исм, сифат, масдар ҳамроҳ шуда, унсурҳои нодиру беназир сохтааст.

Пасвандҳои исмсоз аз нигоҳи сохтани хелҳои исм ё гурӯҳи дигари калимаҳо мухталиф буда, баъзе чанд навъи исм (мисли исми шахс, маънӣ), иддае ба ҷуз исм боз дар бунёди калимаҳои марбут ба сифат низ ширкат доранд.

Қудрати васлгардии пасвандҳои исмсоз ба унсурҳои луғавии мансуб ба забонҳо ягона набуда, баъзе танҳо ба вожаҳои аслии тоҷикӣ ва бархе ҳам ба аслӣ, ҳам иқтибосӣ (арабӣ) ҳамроҳ шуда, калимаҳои наве сохтаанд.

Боби дуюми диссертатсия: "**Хусусиятҳои вандҳои сифатсоз**" унвон дошта, фарогири се фаслу шонздаҳ зерфасл мебошад. Дар фаслу зерфаслҳои

боби мазкур роҷеъ ба пешвандҳо ва пасвандҳои сифати аслию нисбисоз мулоҳизаронӣ шудааст. Дар ин боб мисолҳои аз "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" гирдовардаи унвонҷӯ шоҳиди он мебошанд, ки гарчанде дар асри Х пасвандҳои сифатсоз дар қиёс бо пешвандҳо хеле бисёр буданд, вале аз ҷиҳати дараҷаи калимасозӣ ҳамаи онҳо дорои мақоми якхела нестанд. Агар иддае аз онҳо дар калимасозӣ фаъол бошанд, пас морфемаҳои калимасози дигар дар иҷрои вазифаи зикргашта кам истифода шудаанд.

Нақши кулли пасвандҳои дар "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" вуҷуддошта аз нигоҳи имкони калимасозӣ ягона нест, балки баъзе басо фаъол, дигаре нисбатан фаъол ва дастаи сеюм қудрати ками вожасозӣ доранд.

Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки агар дар доираи исмҳои серsuccessmaъноӣ ба калимаҳои аз пешванду пасванд бунёдгардида хос бошад, пас, дар доираи сифатҳо танҳо пасвандҳое дорои сермаъноӣ шудаанд, ки аз решаи вожа ва пасванд ба вуҷуд омадаанд.

Дар "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" ҳолатҳои дар ду шакл ё зиёда аз он ба кор рафтани чанде аз вандҳо ба мушоҳида мерасанд. Чунин хусусият ҳам ба исму сифатҳои маъмулӣ, ҳам вожаҳои нодир хос буда, дар бархе ҳолат шакли маъмулӣ ва дар мавриди дигар гунаи ғайримаъмулӣ бартарӣ пайдо намудаанд.

Боби сеюми диссертатсия – "**Вижагиҳои хоссаи забони "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" дар корбурди исму сифатҳои сохта**" шомили се фаслу шаш зерфасл буда, дар онҳо мувозиҳои исму сифатҳои сохта, доираи маъноии онҳо, унсурҳои луғавии нодир баррасӣ шудаанд. "Тарҷумаи "Тафсири Табарӣ" бо вуҷуди асари тарҷумавӣ буданаш дороиҳои забони даврони Сомониёнро ба таври равшан инъикос карда, дар баробари бо дигар осори ин аср умумият доштанаш боз вижагиҳоеро дорост, ки онҳоро аз сарчашмаҳои дигари манзуму мансур дарёфт кардан душвор аст.

Ба назари мо, маҳаки асосии кори диссертатсионии А. Қобилов дар боби мазкур мебошад. Маводи аз асар гирдовардаи муҳаққиқ гувоҳи он аст, ки дар асар дар қатори калимаҳои содаву мураккабе, ки дар ду ё беш аз он монанд

ба кор рафтаанд, қисме аз вожаҳои сохтаи мансуб ба исму сифат низ дар ду ё зиёда шакл мавриди истифода қарор гирифтаанд. Чунин мувозиҳо дар натиҷаи тағйирёбии овози таркиби решаи калимаҳо ё вандҳои ба онҳо васлгардида ба вуҷуд омадаанд. Мувозиҳои исмҳои сохта: *ҳамбоз/ ҳанбоз, анбоз/ҳанбоз, ёдгор/ёдкор, корзор/коржор/горжор...*; мувозиҳои сифатҳои сохта: *парҳезгор /парзеҳкор, растагор/растакор* ...

Дар боби мазкур унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки “мероси хаттии ба забони тоҷикии то мо расида барои омӯхтани таркиби луғавӣ ва сохтори ибораву ҷумлаҳо сарчашмаи бебаҳо ба шумор меравандd. Дар чунин осор тамоми дороиҳои забони ниёгонамон маҳфуз мондаанд ва дар байнашон унсурҳои луғавие дучор мегарданд, ки онҳоро метавон «фонди тиллоӣ»-и захираи луғавии забонамон шуморид” [саҳ. 129].

Илова бар ин, дар асари мазкур унвонҷӯ бо чанде аз калимаҳое мансуб ба исм дучор гардидааст, ки дар ифодаи чанд маъно ба кор рафтааст. Масалан: ҷонвар – 1) ба маънои зинда, ҷондор ва б) ҳайвон.

Муаллиф ҳарчанд дар интиҳои ҳар боб хулосабарорӣ карда бошад ҳам, боз дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои назарраси таҳқиқи мавриди назарро дар 20 банд ҷамъбаст кардааст, ки ин аз нуктасанҷ ва дақиқназар будани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Дар диссертатсия феҳрасти осори таҳқиқӣ оварда шудааст, ки унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқ ба онҳо такя намуда, аз онҳо иқтибос овардааст.

Диссертасияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич, ки ба таҳқиқи хусусиятҳои вожагони сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” бахшида шудааст, унвонҷӯ аз уҳдаи таҳлилу баррасии он баромадааст. Мавсуф бо такя ба андешаҳои олимону муҳаққиқони соҳа оид ба нақши пешванду пасвандҳо дар ташаккули исму сифатҳои сохта ақидаҳои ҷолиб иброз дошта, хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст, ки дар забоншиносии тоҷик, аз ҷумла хусусиятҳои дастурии забони асари бадеӣ аҳаммияти вижаи илмиро дорост.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Диссертатсия дар доираи пажуҳишҳои илмӣ навишта шудааст, бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди илмӣ доштан, дар он баъзе камбудҳо ҷой доранд, ки ба назари мо рафъи онҳо аз тарафи муаллиф ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар услуби илмӣ нишондоди мушаххасро талаб мекунад. Ҳарчанд ки басомади баъзе аз онҳо оварда шудааст, ба назари мо дар шакли диаграмма мешуд, боз беҳтар буд. Зеро дар банди "Натиҷаи асосии илмии диссертатсия" аз рӯйи андешаи муаллиф "баъзе"-ҳои зиёд (умумигӯйӣ) ба назар мерасад. Ниг. ба бандҳои 4, 5, 6, 7, 8, 9 ... (саҳ. 155-156). Масалан, дар банди 10 чунин оварда шудааст: "Сифатҳои асар дорои чаҳор пешванд буда, бархе аз онҳо танҳо дар як шакли мушаххас ва баъзе дар ду шакл ба кор рафтаанд" (саҳ. 156).

2. Равшан аст, ки пасванди –гар исми шахс месозад. Дар саҳ. 47 диссертатсия унвонҷӯ вожаи авастоии "kara"-ро бо пасванди фаъоли калимасози "–гар/-гор" як медонад. Ба назари мо хуб мебуд, ки бо далелҳо назари муҳаққиқ доир ба ин масъала баён мегардид. Зеро дар "Авасто" "kara" чанд унсурро ифода мекунад.ниг. "Фарҳанги вожаҳои "Авастой", ҷилди 1, кӯшиши Эҳсон Баҳромӣ. Нишопур, саҳ. 356-359.

3. Унвонҷӯ дар банди 3.2.1. (Исмҳои сермаъно), саҳеҳтараш – "Исмҳои сохтаи сермаъно" унсури луғавии "**пурсиш**"-ро ба маъноҳои "**ҳолпурсӣ**" ва "**суол кардан**" ба қалам додааст, ки, ба назари мо, ҳар ду ифода як мебошад.

4. Дар хулоса муҳаққиқ дар 20 банд ба натиҷаҳо ноил гардидааст, ки метавон баъзе бандҳоро ихтисор намуд, ки хусусияти умумӣ доранд.

5. Хуб мебуд, феҳристи адабиёт тибқи меъёр оварда мешуд. Зеро: "осори таҳқиқӣ ба забонҳои хориҷии дур" донистани осори форсизабонон; матбаа (чопхона)-ро бо нашриёт омехта кардан (саҳ. 161, 162); мақола дар нашрияи "Паёми ПО" (шояд "Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ" бошад) чоп намудан, ниёз ба бознигарӣ дорад.

6. Ҳарчанд ки диссертатсия бо забони адабии илмии хубу хонданӣ иншо гардидааст, дар баъзе аз саҳифаҳо нуқсонҳои имлоиву техникӣ ва услубӣ ба назар расид (саҳ. 5, 7, 12, 14, 16, 30, 173 ...).

Албатта, ин иштибоҳот сатҳӣ буда, арзиши аслии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич дар мавзуи “Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)” таҳқиқоти илмии баанҷомёфта буда, масъалаҳои пешниҳодшуда дар он ҳалли худро ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Қобилов Аҳмад Абдуллоевич “Хусусиятҳои калимаҳои сохта дар “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” (исму сифат)” таҳқиқоти пурра баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31-37-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертасия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи асосии онро инъикос менамоянд.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти қабулшуда, махсусан бандҳои 76, 77, 79 ва 81, ҳамчунин ба талаботи бандҳои 31-37-уми Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 23 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 23 нафар, “зид” – нест, “бетараф” – нест.

Суратҷаласаи кафедра №6 аз 23-юми январи соли 2024.

РАИСИ ҶАЛАСА:
мудири кафедраи забоншиносӣ
ва рӯзноманигорӣ ДБЗХТ ба номи
С.Улуғзода, номзади илмҳои
филологӣ, дотсент Сафарова Гулчеҳра Файзовна

ЭКСПЕРТ:
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Насруллоев Муҳаммад Нуруллоевич

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории
ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

*Имзоҳои н.и.ф., дотсентон Г.Ф. Сафарова,*
*М.Н. Насруллоевро тасдиқ менамоям.*
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

«31» январи соли 2024

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
Тел.: +992 372 32 50 00
Факс: +992 372 32 50 00
Сомона: www.ddzt.tj.
E-mail: ddzt@ddzt.tj